# 12. ҚАТЪНОМАИ 78/278 – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОРХӮР

2 майи соли 2024 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи A/RES/78/278-ро қабул намуд, ки мувофиқи он 24 май ҳамчун **Рӯзи байналмилалии морхӯр** эълон гардид. Дар матни қатънома аҳаммияти ҳифзи морхӯр (Capra falconeri) – як намуди нодиру аз ҷиҳати экологӣ аҳамиятноки бузи ваҳшии кӯҳӣ, ки дар манотиқи кӯҳистонии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ паҳн шудааст, махсус таъкид ёфтааст.

Иқдомкунандаи асосии ин қатънома Ҷумҳурии Исломии Покистон буд. Ҳамзамон, Тоҷикистон, Афғонистон, Чин, Маҷористон, Исроил, Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ҳамчун ҳаммуаллифон ва ҳамсарпарастон саҳм гузоштанд.

Дар ҳуҷҷат даъват ба амал меояд, ки Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), давлатҳои аъзо, ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ, сохторҳои ғайриҳукуматӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор чораҳои амалӣ андешида, ҳамкориро барои ҳифзи морхӯр ва муҳити зисти он тақвият бахшанд.

Морхӯр – намуди нодири бузи ваҳшии кӯҳӣ буда, дар минтақаҳои баландкӯҳи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, аз ҷумла дар Покистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Афғонистон ва Ҳиндустон зиндагӣ мекунад.

Аз назари гуногунии биологӣ ва устувории экониизомҳо морхӯр аҳамияти бузург дорад, аммо ба таҳдидҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст: аз даст рафтани муҳити табиӣ, шикори ғайриқонунӣ, қочоқи намудҳо ва таъсири тағйирёбии иқлим. Бо мақсади ҳифзи он морхӯр аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN) ба рӯйхати «наздик ба таҳдидшаванда» (Near Threatened) ворид гардида, аз соли 1992 ба замимаҳои Конвенсия оид ба тиҷорати байналмилалии намудҳои зери таҳдид (CITES) дохил карда шудааст.

Аввалин таҷлили Рӯзи байналмилалии морхӯр 24 майи соли 2024 баргузор гардид ва ин воқеа дар санадҳои расмии Созмони Милали Муттаҳид ва нашрияҳои махсуси ҳифзи табиат инъикос ёфт. Аллакай соли 2025 ин сана дубора таҷлил шуд, ки ба таҳкими ҷойгоҳи он дар рӯзномаи байналмилалии экологӣ ишора мекунад. Ин иқдом, ки дар доираи қатъномаи A/RES/78/278 расмият ёфт, ҳадаф дорад таваҷҷуҳи ҷаҳониро ба зарурати ҳифзи морхӯр ҷалб намояд ва ҳамзамон принсипҳои сайёҳии устувор, рушди ҳамкориҳои минтақавии экологӣ ва ҳифзи гуногунии биологиро тарғиб созад.

Дар баргузории чорабиниҳои марбут ба Рӯзи байналмилалии морхӯр созмонҳои муҳим, аз ҷумла UNEP, CITES, CBD (Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ), IUCN, UNODC (Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ), WWF ва шабакаи TRAFFIC саҳми фаъолона доранд.

Дар Тоҷикистон морхӯр ҷойгоҳи вижа дорад. Ӯ ҳамчун унсури муҳими экониизомҳои кӯҳӣ ва ҳифзи гуногунии биологии манотиқи баландкӯҳ ба ҳисоб меравад. Мавзеъҳои паҳншавии он асосан миёни дарёҳои Панҷу Вахш, инчунин дар қисмати шимолу ғарбии Дарвоз воқеъ мебошад. Тибқи маълумоти назоратҳои экологӣ, шумораи морхӯр дар Тоҷикистон аз тақрибан

700 сар дар солҳои 1990 то ба беш аз 6000 сар дар соли 2022 афзоиш ёфтааст. Ин дастоварди назаррас бо таъсиси захирагоҳҳо, татбиқи ташаббусҳои мақсаднок ва маъракаҳои баланд бардоштани огоҳии ҷомеа имконпазир гардид. Муҳимтарин омил дар ин раванд мубориза бо шикори ғайриқонунӣ ва қочоқ буд, ки бо ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ, инчунин ҷаримаҳои назаррас таъмин гардид.

Имрӯз Рӯзи байналмилалии морхӯр ба як бахши муҳими рӯзномаи ҷаҳонии ҳифзи табиат табдил ёфтааст. Ин сана таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба зарурати ҳифзи ин намуди нодиру осебпазир ҷалб менамояд. Ҷашнвора, ки қариб фавран пас аз қабули қатъномa таъсис ёфт, аллакай соли 2025 ба як таҷрибаи мунтазами байналмилалӣ табдил шуд. Аҳамияти он бо иштироки фаъолонаи давлатҳо, сохторҳои минтақавӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин бо татбиқи маҷмӯи тадбирҳо, амсоли аз чораҳои қонунгузорию ҳифзӣ, барномаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва маърифатӣ тасдиқ мегардад.

Ҳамин тариқ, Рӯзи байналмилалии морхӯр на танҳо рамзи дастгирии ҷаҳонӣ аз талошҳои ҳифзи ин намуд аст, балки ҳамчун василаи муассири таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи гуногунии биологӣ ва таъмини устувории экологӣ мебошад.

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: General
7 May 2024

**Иҷлосияи ҳафтоду ҳаштум**
Банди 13- уми барномаи рӯз

**Иҷрои комплексӣ ва ҳамоҳангшудаи қарорҳои конфронсҳои калон ва мулоқотҳои сатҳи олии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва марбут ба онҳо ва фаъолияти минбаъда дар робита бо онҳо**

**Қатъномаи қабулшудаи Маҷмаи Умумӣ аз 2 майи 2024**
[бе интиқол ба кумитаҳои асосӣ (A/78/L.60)]

## 78/278. Рӯзи байналмилалии морхӯр

*Маҷмаи Умумӣ,*

қатъномаи 70/1 аз 25 сентябри 2015 бо номи «Табдили ҷаҳони мо: Барномаи рушди устувор барои давраи то 2030» тасдиқ намуда, ки дар он маҷмуаи универсалӣ, ба оянда нигаронидашударо, ки манфиатҳои одамонро дар назар мегирад, тасдиқ кардааст;

қатъномаҳои 53/199 аз 15 декабри 1998 ва 61/185 аз 20 декабри 2006 дар бораи эълони солҳои байналмилалӣ ва қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз 25 июли 1980 дар бораи солҳои байналмилалӣ ва солгардиҳо, бахусус бандҳои 1-10 иловаи онро тасдиқ намуда, ки ба меъёрҳои мувофиқ барои эълони солҳои байналмилалӣ марбут аст ва инчунин бандҳои 13 ва 14 ки мегӯянд, ки рӯзи ё соли байналмилалӣ бояд, то қабули чораҳои асосӣ, ки барои ташкил ва маблағгузорӣ лозим аст, эълон нагардад;

дубора тасдиқ мекунад, ки арзиши асосии табиати ва саҳми гуногуншакли он дар рушди устувор ва хушбахтии инсон, аз ҷумла арзиши экологӣ, генетикӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, рекреатсионӣ ва эстетикӣ, муҳим аст, ва шиносоӣ мекунад, ки набототӣ ва ҳайвоноти ваҳшии бо тамоми шаклҳои зебо ва беназираш, ҷузъи ҷудонашавандаи системҳои табиати Замин мебошад, ки бояд барои манфиати наслҳои ҳозира ва оянда муҳофизат карда шавад;

махсус таъкид карда мешавад, ки ҳалли мушкилоти коҳиши беназири биогуногунрангӣ, аз ҷумла пешгирии нобудшавии намудҳои таҳдидшуда, баланд бардоштани ва нигоҳ доштани мақоми муҳофизатии онҳо ва барқарор кардани экономизомҳо, ки вазифаҳо ва хизматҳои муҳим, аз ҷумла хизматҳои марбут ба об, саломатӣ, воситаҳои рӯзгори мардум ва некӯаҳволӣ таъмин менамоянд;

Бо таъкиди он ки морхӯр (Capra falconeri) як намуди рамзӣ ва муҳими экологӣ мебошад, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, аз ҷумла Афғонистон, Ҳинд, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон зиндагӣ мекунад, ва эътироф менамояд, ки морхӯр соли 2014 ба категорияи намудҳои «наздик ба хатари нобудшавӣ» шомил шуда, ба Феҳристи Сурхии навъҳои таҳти хатар дарёфтаи Иттиҳоди Байналмилалии Муҳофизати Табиат (IUCN) дохил аст ва аз соли 1992 дар Замимаи I-и Конвенсияи тиҷорати байналмилалии намудҳои ваҳшии ҳайвонот ва набототи таҳти хатар қарор дорад[1].

қабул мекунем, ки ҳифзи морхур- бузи куҳии ваҳшӣ ва муҳити зисти он як талаботи экологии муҳим ва имконияти муҳим барои таҳкими иқтисоди минтақавӣ, таҳкими кӯшишҳои муҳофизати табиат ва мусоидат ба сайёҳии устувор ва рушди иқтисодӣ мебошад ва кӯшишҳои муҳофизати табиат таъсири мусбат ба экономизм хоҳанд дошт;

ба эътибор гирифта мешавад, ки ҷуз экологии арзиш, морхур намуде мебошад, ки ба иқтисоди маҳаллӣ ва ташаббусҳои муҳофизати табиат саҳм гузошта,шиносоӣ мекунем, ки ташаббусҳои миллӣ ва минтақавӣ барои ҳамкорӣ байни давлатҳои минтақа, роҳҳои трансграничӣ ва механизмҳои сатҳи минтақавӣ, ки ба ҳифзи морхӯр мусоидат мекунанд,муҳим мебошанд;

бо назардошти конфронси ҷаҳонии нӯҳум оид ба ҳайвоноти кӯҳӣ, ки аз 12 то 15 октябри 2024 дар Душанбе баргузор мешавад;

шиносоӣ мекунем, ки бузургтарин таҳдид барои бузҳои морхур, вайрон кардани муҳити зист, шикори ғайриқонунӣ, аз ҷумла шикорчигӣ, ва тағйирёбии иқлим мебошад;

бо такя ба қатъномаи 78/155 аз 19 декабри соли 2023 «Намояндагиҳо оид ба иҷрои Конвенсияи биогуогунӣ ва саҳми он дар таъмини рушди устувор», ки дар он тарафҳои Конвенсия ва ҷонибдорони манфиатро даъват намуд, то ҳамкории байналмилалиро барои иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамуда дар Конвенсия фаъол созанд,шарик будан дар кӯшишҳои ҳифзи морхӯр, аз ҷумла таъсиси барномаҳои парвариш ва таҳияи стратегияи минтақавӣ ва нақшаҳои миллии амал барои муҳофизати морхӯр дар баъзе давлатҳои ареал барои таъмини муҳофизати ин намуд дар тамоми ареали он;

1. қарор медиҳад, ки 24 майро Рӯзи байналмилалии морхӯр эълон кунад;

2. ба ҳамаи давлатҳои аъзо, ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид, дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҷомеаи

[1] *United Nations, Treaty Series, vol. 993, No. 14537.*

шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, шахсони хусусӣ ва дигар ҷонибдорони манфиат мувофиқи шароит пешниҳод мекунад, ки Рӯзи байналмилалии морхӯрро ҷашн гиранд;

3. ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори дахлдорро даъват менамояд, ки ба тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷиҳати дастгирии кӯшишҳои ҳифзи табиат бо назардошти аҳамияти он барои эконизоми умумӣ таваҷҷӯҳи зарурӣ диҳанд;

4. Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зистро бо назардошти муқаррароти дар замимаи қатъномаи Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар соли 1980/67 мавҷудбуда ба риояи Рӯзи байналмилалии Морхӯр даъват мекунад;

5. таъкид мекунад, ки хароҷоти тамоми фаъолияте, ки вобаста ба иҷрои карори мазкур ба миён меояд, бояд аз хисоби саҳмхои ихтиёрӣ пӯшонида шавад ва ин гуна фаъолиятҳо дар сурати мавҷуд будан ва гирифтани саҳмҳои ихтиёрӣ анҷом дода мешаванд;

6. Аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки ин қатъномаро ба таваҷҷуҳи ҳамаи давлатҳои аъзо, ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ расонад, то ин рӯз ба таври мувофиқ ҷашн гирифта шавад.

*Иҷлосияи 77-уми пленарӣ*
*2 майи соли 2024*